Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод карда шудааст.**

Дар мубрамияти мавзуи автореферати диссетртатсияи ба тақриз пешниҳодгардидаи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» шубҳае нест. Мусаллам аст, дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба равандҳои бавуқуъоянда дар самти рушди технологияи иттилоотию иртиботӣ ва рақамикунонии босуръати равандҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатӣ хусусияти электрониро касб намуда истодааст. Махсусан, болоравии талабот ба хизматрасониҳои рақамӣ, беҳтаргардии раванди идоракунии давлатӣ, болоравии дастрасии тамоми табақаҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, рушди технологияи инноватсионӣ, авҷгирии рақобат ва пайгирии брендҳои глобалӣ усули анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро камаҳмият гардонида, таваҷҷӯҳро ба рақамикунонии он зиёд кардааст. Бинобар ин, чунин мешуморем, ки мавзуи интихобгардида, дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ мубрам ҳисобида мешавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷойгоҳи махсусро ҷанбаҳои назариявии таснифоти онҳо ташкил медиҳанд. Барои таҳқиқи таснифоти хизматрасониҳои давлатии электронӣ зарур аст, ки таснифоти ҳукумати

электронӣ ҳамчун унсури пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ таҳлил карда шавад (Саҳ 18).

Дар робита ба мубрамияти мавзуъ муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд намудааст, ки омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин таҳлили ҷанбаҳои амалии татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷҷикистон барои таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани шароит барои рушди самти мазкур хеле муҳим мебошад. Ҳамзамон таъкид намудааст, ки истифодаи равиши маркетингӣ дар ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ на танҳо дараҷаи қонеъ буданро аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда баланд мебардорад, балки метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ дар мамлакат мусоидат кунад. Он зарурати дақиқсозии мақсад ва вазифаҳои нави низоми хизматрасониҳои давлатиро тақозо менамояд (саҳ. 21).

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф самтҳои афзалиятноки хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ илман асоснок намуда, самаранокии фаъолияти онро пешниҳод кардааст.

Аз мазмуну мундариҷаи автореферат бар меояд, ки ҳамаи вазифаҳои гузошташуда дар сатҳи зарурӣ илман асоснок шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар кори илмӣ пешниҳодгардида метавонанд дар амалия бо мақсади такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат дар матни асосии он як қатор хатогиҳои имлои ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд.

Хуб мешуд агар муаллиф дар қисмати назариявию методологӣ ва умуман дар раванди таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватаниро, махсусан дар самти хизматрасониҳои давлатии электорнӣ дар шароити иқтисоди рақамиро нишон медод, ки ин ҳолат сифати таҳқиқоти анҷомёфтаро хубтар менамуд.

Дар маҷмӯъ ба сохтори автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса кардан мумкин аст, ки пурра ба талаботҳо мувофиқат мекунад ва созовори дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш.Қ.

Суроға: 735320, н. Данғара, к. Марказӣ, 25.
Телефон: +992 8331-22-28-06. E-mail: dd_danghara_2013@mail.ru

Имзои ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, Ш.Қ. Хайрзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Тоирзода Т.С.

«10» 07 соли 2026